# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Таҳқиқоти диссертатсионии Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» бо дарназардошти раванди ислоҳоти милитсия, ки яке аз самтҳои афзалиятноки онро тақвият оид ба ҳамкории милитсия бо ҷомеа ташкил менамояд, яке аз мавзуҳои мубрам ва муҳим арзёбӣ карда шуда, натиҷаҳои аз он бадастомада метавонанд дар раванди ислоҳоти милитсия, бахусус, дар ҳалли вазифаҳои барномавии ташкили фаъолият оид ба ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо ҷомеа дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мусоидат намоянд.

Муаллиф дар таҳқиқот ба таҳлили ақидаҳои назариявӣ ва муқаррароти қонунгузории миллӣ ва хориҷӣ, муқоисаи меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва баъзе аз давлатҳои хориҷӣ, таҷрибаи пешрафтаи фаъолият дар самти ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо ҷомеа дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ пардохта, баъзе аз таърифҳои муаллифии мафҳумҳои соҳавии мавзуъ, пешниҳодҳо барои такмили қонунгузории соҳавӣ ва имкониятҳои истифодаи таҷрибаи пешрафтаи соҳавиро бо дарназардошти хусусиятҳои миллии фаъолияти мақомоти дахлдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур менамояд. Ҳамчунин, оид ба таҳқиқи илмии мавзуъ лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунии соҳавӣ пешбинӣ карда мешаванд, ки бо ба таври расмӣ қабул гардидани онҳо метавон гуфт, ки пояҳои бунёдии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва фаъолияти мақомот дар самти таҳқиқшаванда то дараҷае мустаҳкам гардонида мешавад.

Дар алоқамандӣ ба гуфтаҳои боло, бояд қайд намуд, ки дар ҳақиқат дар замони мустаҳкамнамоии пояҳои бунёдии ҷомеаи шаҳрвандӣ, эъмори давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ, ҷалби ҳарчӣ бештари аҳолӣ дар иҷрои вазифаҳои давлатӣ, зарурат ва аҳаммияти амиқи таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар замони таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолӣ ба амнияти давлат ва минтақа тақозо менамояд, ки таҷрибаи қонунгузорӣ оид ба танзими муносибатҳои соҳавӣ ва ташкили

фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ дар пешрафт қарор дошта бошанд. Аммо, чи тавре ки аз матни автереферат бар меояд дар ҷодаи танзими муносибатҳо оид ба ташкили ҳамкории байни мақомоти корҳои дохилӣ бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва ташкили фаъолияти амалии мақомоти дахлдори давлатӣ дар ин ҷода норасогию камбудӣ ва масоили ҳалталаб ба чашм мерасанд. Аз ин хотир, интихоби мавзуъ ва пайдарҳамии мантиқии таҳқиқоти масъалаҳои марбут ба ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ бо мақсадҳои таҳқиқот мувофиқ мебошанд, ки натиҷаҳои он метавонанд барои дар оянда ҳал намудани мушкилоти ҷойдошта ва такмили қонунгузории соҳавӣ нақши муҳимро иҷро намоянд.

Таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои марбут ба ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ба муаллиф имконият додааст, ки мушкилоти ҷойдоштаи костакунандаи ҳамкории байни мақомоти корҳои дохилӣ бо ҷомеаро муайян ва тасниф, ҳамчунин, мафҳумҳои соҳавии мавзуъро таърифи муаллифӣ намуда, оид ба такмили қонунгузорӣ ва ташкили фаъолияти амалии мақомоти дахлдори давлатӣ (мақомоти корҳои дохилӣ) пешниҳодҳои асоснокшуда манзур намояд.

Муаллиф барҳақ зикр намудааст, ки ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ метавонад, ки тартиботи ҷамъиятиро дар сатҳи интизориҳои аҳолӣ ва воқеан амалигардии ҳуқуқу манфиатҳои инсон ва шаҳрвандон таъмин намояд. Ҳамчунин, дар раванди ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ маҳз намояндагони ҷомеа аз фаъолияти амалии мақомоти корҳои дохилӣ ба таври ошкоро маълумот пайдо намуда, дар як вақт моҳияти принсипи ошкорбаёнӣ ва демократизми фаъолияти милитсия тарғиб мегардад, самтҳои фаъолияти ҳамкорӣ дар якҷоягӣ ба нақша гирифта мешаванд, мушкилоти асосии ҳалталаб муайян гардида, барои ҳалли онҳо чораандешӣ мешавад, намояндагони фаъоли ҷомеа ҳамчун субъектони иловагӣ ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ҷалб гардида, фаъолияти онҳо такмил дода мешавад, ҳавасмандии аҳолӣ оид ба таъмини тартибот дар нуқтаҳои аҳолинишин зиёд гардонида шуда, боварии шаҳрвандон ба фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ меафзояд. Дар ҳақиқат эҳё намудани ҷомеаи бехатар яке аз унсурҳои асосии таъмини шароити арзанда ва ҳаёти осоиштаи шаҳрвандон ба ҳисоб меравад, ки аҳаммияти конститутсиониро доро мебошад.

Мухтавои автореферат аз он шаходат медихад, ки, муаллиф дар ичрои вазифахои гузоштааш ба чунин максадхо ноил гардидааст:

– таърифи муаллифии ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ пешниҳод гардидааст;

– асосҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳо оид ба ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ таҳлил карда шуда, пешниҳодҳо оид ба мукаммалгардонии онҳо манзур карда шудааст;

– нақши мақомоти корҳои дохилӣ дар ташкили ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ баррасӣ карда шуда, мавқеи он ҳамчун мақомоти ҳамоҳангсози субъектони таъмини тартиботи ҷамъиятӣ асоснок гардидааст;

– бо дарназардошти омӯзиш ва таҳлили муқаррароти қонунгузории миллӣ, баъзе аз давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва муқоисаи байни онҳо, шакл ва усулҳои ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, дар алоқаманди ба он шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ тасниф ва барои тағйирот ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо асоснокӣ манзур карда шудаанд;

– бо дарназардошти омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ имконияти воқеии татбиқи таҷрибаи самараноки онҳо дар фаъолияти амалии мақомоти давлатии дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба шаклу усул ва механизми ҳамкорӣ бо ҷомеа дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ муайян гардидааст;

– таълифи муаллифии лоиҳаҳо ҷиҳати такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқи ва зерқонунии нав дар самти мукаммалсозии ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ҳамчун замимаҳо ба диссертатсия манзур гардидаанд.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбат, баъзе аз пешниҳодҳои муаллиф дорои ҷанбаҳои баҳснок низ мебошанд: Муаллиф дар банди сеюми пешниҳодҳо ба ҳимоя, таърифи муаллифии ҳисоботдиҳии мақомоти корҳои дохилӣ дар байни аҳолиро манзур намуда, қайд намудааст, ки: «Ҳисоботдиҳии нозири минтақавии милитсия дар байни аҳолии минтақаи хизматӣ ҳамчун яке аз маҳаки асосии баҳодиҳӣ ба фаъолияти хизматии нозири минтақавии милитсия арзёбӣ мегардад». Аммо, чи хеле ки аз талаботи Низомномаи нозирони минтақавии милитсия бар меояд, онҳо вазифадоранд, ки дар се моҳ як маротиба дар назди аҳолии

минтақаи хизматӣ ҳисоботро оид ба фаъолияти хизматии хеш ва вазъи оперативии минтақа пешниҳод намоянд. Аз ин рӯ, аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки андешаи иловагии худро ҷиҳати навгонии пешниҳоди илмии мазкур иброз намояд.

Бояд қайд намуд, ки эроди зикргардида ҷузъӣ ва эҳтимолан мубоҳисавӣ буда, ба мазмуни таҳқиқот таъсири манфӣ намерасонад.

Сохтори таҳқиқот системавӣ ва мантиқӣ буда, пурра бо ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда мувофиқат мекунад.

Автореферати диссертатсияи Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» аз 39 саҳифа иборат буда, ҳамаи унсурҳои заруриро дар бар мегирад, ки ҳадафи таҳқиқотро ба таври возеҳ ва пурра ҳимоя мекунанд. Он ба талаботи автерефератҳои рисолаи номзадӣ ҷавобгӯ аст ва бо аҳаммияти бешубҳаи илмии худ намунавӣ ва фарқкунанда мебошад.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ арзёбӣ мешавад.

**Муқарриз:**

Муовини сардори Маркази таълимӣ, ӯ низ сардори шуъбаи таълими Маркази таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, подполковники милитсия Камолзода Ҷ.К.

«20» 02 2026 с.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Абай-2. Телефон: +992 (233) 10 57, Факс: +992 (233) 12 42, E-mail: djamoliddin84@mail.ru

Имзои "Камолзода Ҷ.К"-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Маркази таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳарбӣ, полковники милитсия Аълозода М.А.

«20» 02 2026 с.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Абай-2. Телефон: +992 (233) 10 57, Факс: +992 (233) 12 42.